# ПРОТОКОЛИ № 1

мачлиси васеи факултети забонҳои хориҷии МДТ -и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
аз 31-уми августи соли 2022

**Иштирок доштанд**:
Аъзои Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷӣ, муқарризони холиси экспертизаи давраи дуюми диссертатсия – дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДҲБСТ Пӯлодова Н.Ю. ва дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДисДДТ Давлатова Ч.А.

## РӮЗНОМА:

**Баррасии диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсия дар мавзӯи "Семантический анализ концепта «лень» в таджикском, русском и английском языках"**

**ШУНИДА ШУД:** муовини декан оид ба таълим дотсент Юсупова М.И.

**Юсупова М.И.** – муовини декан оид ба таълим мачлисро кушода, иброз дошт, ки дар рӯзномаи мачлис масъалаи аввал баррасии диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ Шоназарова Дилора Субҳоназаровна дар мавзӯи "Семантический анализ концепта "лень" в таджикском, русском и английском языках" барои экспертизаи давраи дуюм (аз рӯйи талаботи Низомномаи нави Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад.

Роҳбари илмии диссертатсия корманди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои филологӣ Ходжаева Сурайё Очиловна мебошад.

Мақсади экспертизаи давраи дуюм ба ҳимоя мувофиқ будан ё набудани диссертатсия, пешниҳоди он ба Шӯрои дифоъ (агар мувофиқ бошад) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Сухан барои шинос кардан бо муҳтавои диссертатсия ба унвонҷӯ Шоназарова Д.С. дар мавзӯи "Семантический анализ концепта «лень» в таджикском, русском и английском языках" дода шуд. Унвонҷӯ Шоназарова Д.С. дар маърӯзаи худ оид ба мақсад, вазифа ва муҳтавои диссертатсия гуфт:

Иҷозат фармоед, рисолаи номзадии худро зери унвони «Семантический анализ концепта «лень» в таджикском, русском и английском языках" пешниҳод намоям. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса иборат буда, дар ҳаҷми 169 саҳифаи чопи компутерӣ таълиф гаштааст.

Қайд гардид, ки рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯихати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад.

Мафҳуми "танбалӣ" яке аз арзишҳои муҳимтарин буда, ба фаъолияти инсон таъсир мерасонад, муносибати одамонро ба оламе, ки моро иҳота кардааст, муайян месозад. Аммо новобаста ба ин гуна муносибати дақиккорона он ҳоло ҳам баҳсталаб боқӣ мемонад. Консепти "танбалӣ" аз лиҳози муқоисавӣ дар забонҳои бошкирдӣ, хитоӣ ва англисӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки дар он мавзӯи мазкур дар доираи забон таҳлил гардида, ҷабҳаҳои эстетикии он мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд, аммо аз лиҳози муқоисавӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бори нахустин кӯшиши тадқиқ ба сомон расонида мешавад.

Ба сарчашмаҳои назарӣ ва илмӣ такя намуда, мо дар рисолаи номзадии мазкур кӯшиш кардем, то муаммои корбасти таҳлил консепти "танбалӣ" дар се забонҳои гуногунсохт - тоҷикӣ, русӣ ва англисиро кушода диҳем. Ба сифати мавод бевосита барои муқоиса луғатҳо, луғати синонимҳо, паремияҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ интихоб гардида буд. Ин интихоб бо он муайян карда мешавад, ки системаи мазкур асоси муоширати нутқӣ буда, дар худ категория ва шаклҳоеро фарогир мебошад, ки дар онҳо хусусиятҳои аслии типологии консепти "танбалӣ" дар забонҳои муқоисашаванда бештару амиқтар кушода шудаанд.

**Ҳадафи таҳқиқоти** мазкур тадқиқи хусусияти миллии консепти фарҳангии "танбалӣ" ва инчунин монандӣ ва тафовути он дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар асоси таҳлили муқоисавии роҳу воситаҳои ифодаи он мебошад.

Барои ноил гардидан ба ҳадаф ҳалли вазифаҳои зерин меистанд:

1. Тадқиқ намудани мафҳуми лингвистии консепти "танбалӣ" барои муайян намудани консепт дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
2. Муайян намудани мафҳумҳои заминавии тасвири забонии олам ва хусусиятҳои асосии он ва ҳамчунин хусусиятҳои миллии консепт чун воҳиди шуури забонӣ;
3. Омӯзиши принсипҳои асосии гурӯҳбандии консепт дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ;
4. Ошкор намудани тамсилаҳои когнитивии консепти "танбалӣ" чун ҷузъи намояндагони миллатҳои тоҷикзабон, русзабон ва англисзабон;

5. Тасвир намудани алоқаи байни консепти “танбалӣ” ва консептҳои дигар;

6. Муайян намудани заминаи арзишманди консепти “танбалӣ” ва воситаҳои истифодаи забонии он дар фарҳанги миллии забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

Асосҳои методологӣ ва назарии кор. Асосҳои методологӣ ва назарии рисоларо ақидаҳои забоншиносони маъруф Н.Д. Арутюнова, С.А. Асколд, И.С. Брагинский, Д. Шмелева, С.Г. Воркачев, В.Н. Телия, В.И. Карасик, Х. Маҷидов, Г.А. Брутян., Р. Ҷекендоф ва дигарон ташкил медиҳанд.

Маводҳои амалии тадқиқотро аз луғатҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ гирд овардем. Миқдори умумии мисолҳо аз забони русӣ 400 адад бо тарҷума ба забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ташкил медиҳад.

Диссертатсия аз се боби ба ҳам марбут иборат аст.

**Боби якум** – “Ҷанбаҳои назарии тадқиқоти консепт” ном дошта, аз шаш зербоби зерин иборат аст:

1.1. Забоншиносии когнитивии муосир чун илм

1.2. Ҷабҳаи фарҳанги миллӣ чун воситаи алоқаи забон ва фарҳанг

1.3. Муносибатҳои гуногун нисбат ба муайян сохтани консепт

1.4. Роҷеъ ба моҳияти тасвири олам

1.5. Ташаккули забоншиносии когнитивӣ дар хориҷи кишвар

1.6. Ташаккул ва инкишофи забоншиносии когнитивии тоҷик

**Боби дуюм** – “Воситаҳои забонии нишон додани консепти “танбалӣ” дар забонҳои муосири тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ” аст. Он аз чор зербоб иборат аст:

2.1. Объективатсияи луғавии консепти “танбалӣ” забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ

2.2. Нишон додани консепти “lazyness” бо лексемаҳои нишондиҳандаи периферияҳои наздик ва дур дар забони англисӣ (мувофиқи луғатҳои British national corpus)

2.3. Нишон додани консепти “танбалӣ” бо лексемаҳои нишондиҳандаи периферияҳои наздик ва дур дар забони русӣ (мувофиқи луғатҳои Национального корпуса русского языка)

2.4. Инъикоси консепти “танбалӣ” дар забони тоҷикӣ

**Боби сеюм** – “Тадқиқи муқоисавии консепти “танбалӣ” дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ” номида шуда, аз се зербоб таркиб ёфтааст:

3.1. Аломатҳои арзишманди консепти “танбалӣ” дар паремияҳои забонҳои англисӣ ва русӣ

3.2. Аломатҳои арзишманди консепти “танбалӣ” дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ

3.3. Хусусияти инъикоси консепти “танбалӣ” дар паремияҳо дар системаи забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ

Амалисозиии ҳамаи ин бобу бандҳо дар қисмати “Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда”-и диссертатсия ифода ёфта, дар хулосаи бобҳо ва хулосаи ҷамъбастии диссертатсия баён гардидааст.

Ҳамчунин идомаи маърӯза ба норасоиҳои соҳа дар ҳар се забон бахшида шуд, ки муаллифи рисола дар қиёс ва муқобилаи мисолҳои се забон муайян кардааст.

Мазмуни диссертатсия дар 3 мақолаи илмӣ (ҳамагӣ дар нашрияҳои тавсиявии КОА (Комиссияи олии аттестатсионӣ)-и назди Президенти ҶТ) ба мутахассисон ва доираи васеи хонандагон пешниҳод шудааст. Ду мақолаи дигар дар чоп қарор дорад.

Дар қисмати саволу ҷавоби маҷлис ба унвонҷӯ чунин саволҳо дода шуданд:

**Савол: -** дотсент А.Ш. Шарипов – Маърӯзаи унвонҷӯ пурмуҳтаво буд, ман онро бодиққат гӯш кардам. Мафҳуми консептро шарҳ диҳед?

**Ҷавоб: -** Ташаккур барои савол, мақсади рисолаи номзадии мазкур ба омӯзиши консепти “танбалӣ” дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Мавриди қайд аст, ки дар забони муосири англисӣ консепт нисбат ба забони тоҷикӣ ва русӣ чуқуртар ва дақиқтар омӯхта шудаанд. Бо вуҷуди он баъзе ҷонибҳои ин муаммо то ҳанӯз мубоҳисавӣ боқӣ мемонанд.

Дар забони тоҷикӣ ба консепти “танбалӣ” нисбат ба забони англисӣ камтар маълумот дода шудааст. Ба ин мавзӯъ ягон рисолаи докторӣ ё номзадӣ иншо нагаштааст.

Раиси маҷлис суханро барои тақриз бо муқарризи холис номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Пӯлодова Наимахон Юсуфовна дод.

**Гузориши муқарризи холис дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДҲБСТ Пӯлодова Наимахон Юсуфовна ба протокол замима карда мешавад.**

**Гузориши муқарризи холис дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии ДДисДДТ Давлатова Чинорой Абдуллоевна ба протокол замима карда мешавад.**

Дар баромади худ муқарризон қайд карданд, ки мақсади асосӣ аз интихоби мавзӯи диссертатсияи унвонҷӯ Шоназарова Д.С. “Семантический анализ концепта «лень» в таджикском, русском и английском языках” таҳлили ҳамаҷонибаи консепти “танбалӣ”-ро дар муқоисаи типологии забонҳои гуногунсохти тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ фарогир мебошад. Дар таҳқиқи муқоисавии масъалаҳои ду забон алҳол хеле рисолаҳои номзадӣ ва ҳатто

докторӣ таълиф ва ҳимоя гардидаанд, вале теъдоди рисолаҳои ба муқоисаи типологӣ оид ба мавзӯи зикршуда нисбат ба забони англисӣ таҳияшуда ҳанӯз хеле кам аст.

Боби якум "Ҷанбаҳои назарии тадқиқоти консепт" ном дошта, дар шаш банд мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Боби дуюм "Воситаҳои забонии нишон додани консепти "танбалӣ" дар забонҳои муосири тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ" аз қисмати асосии диссертатсия маҳсуб ёфта, дар чор банди он мавзӯи баҳси кор мухтасару дақиқ таҳқиқ карда шудаанд.

Боби сеюм "Тадқиқи муқоисавии консепти "танбалӣ" дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ" номида шуда, дар ин қисмат паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия ба сарчашмаҳои назариявӣ ва илмӣ такя намуда, муаммои консепти "танбалӣ" кушода дода шудааст.

Дар рафти навиштани рисолаи илмӣ диссертант дар натиҷаи таҳлили маводҳои зиёди назариявӣ ва амалӣ чунин ҷиҳатҳои алломорфӣ ва изомории консепти "танбалӣ" – ро муайян кардааст.

Дар рисола баъзе норасоиҳои техникӣ ва иштибоҳоти услубӣ ба назар мерасанд, вале онҳо дар маҷмуъ арзиши баланди рисоларо коста намесозанд.

Диссертатсияи Шоназарова Дилора Субҳоназаровнаро дар мавзӯи "Семантический анализ концепта «лень» в таджикском, русском и английском языках" бо назардошти ислоҳи норасоиҳо ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 036 назди "Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода" ба ҳимоя тавсия кардан мумкин аст ва худи муаллиф Шоназарова Д.С. шоистаи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Суханронии муовини декан оид ба таълим номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷии МДТ-и "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Юсупова М.И.** Зимни суханронӣ ӯ каме аз фаъолиятӣ омӯзгории унвонҷӯ истода гузашт. Ӯ иброз дошт, ки унвонҷӯ Шоназарова Д.С. соли 1994 факултети забонҳои хориҷии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро хатм намуд. Дар солҳои таҳсил дар машғулиятҳо ва ҳам дар корҳои ҷамъиятии факултет фаъолона иштирок намуда ин боргоҳи таълимро бо дипломи дараҷаи аъло аз рӯи ихтисоси "Забони англисӣ ва педагогика" хатм намуд.

Раисикунандаи маҷлис дар идомаи ҷаласа чунин лоиҳаи қарори маҷлисро пешниҳод намуд:

"Бо назардошти андешаҳои боло, Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" бо қарори №1 аз 31-уми августи соли 2022 диссертатсияи

Шоназарова Дилора Субҳоназаровна дар мавзӯи “Семантический анализ концепта «лень» в таджикском, русском и английском языках” ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта бо назардошти ислоҳи хатоҳои зикршуда барои баррасӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 036 назди “Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода” оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ” пешниҳод мекунад.

**Иштирок доранд:** 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

“тарафдор” – 20 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Протоколи № 1 аз 31-уми августи соли 2022.

Қарор якдилона қабул шуд. Бо ҳамин маҷлис бо рӯзномаи зикршуда хотима ёфт.

**Раисикунандаи маҷлис, н.и.ф., дотсент:** **Юсупова М.И.**

**Котиби маҷлис, сармуаллима:** **Ҳомидова Д.И.**

**“Имзоҳои М.И. Юсупова ва Д.И. Ҳомидоваро тасдиқ мекунам”.**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992)9004420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru.**